**Шарҳи**
**мухтасари назарсанҷӣ оид ба сиёсати ҷории Бонки миллии Тоҷикистон нисбати интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ**
**(аз 19-уми март то 15-уми апрели соли 2016)**

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон дар асоси Фармоиш аз 18 марти соли 2016 №3 назарсанҷии шаҳрвандон оид ба сиёсати ҷории Бонки миллии Тоҷикистон нисбати интиқолҳои пулии шахсони воқеиро гузаронид.

Назарсанҷии мазкур, аз 19-уми март то 15-уми апрели соли 2016 дар байни аҳолӣ, хусусан шахсони аз хориҷи кишвар интиқолгиранда ва дар марказҳои интиқоли пулии ташкилотҳои қарзӣ, маҳалҳо ва бозорҳо гузаронида шуд. Дар назарсанҷии мазкур 1 064 нафар шаҳрвандон иштирок намуда андешаи худро ба таври зерин иброз намуданд.

Нисбати саволи якуми пурсишнома, ки чунин оварда шуда буд: маблағи интиқоли пулии аз хориҷа воридшавандаатонро Шумо бо кадом роҳ дастрас менамоед, ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид. Аз шумораи умумии респондентон 941 нафар ё 88,4 фоиз қайд намуданд, ки интиқоли пулии аз хориҷа воридшудаашонро бо воситаи бонк дастрас менамоянд. Теъдоди 72 нафар ё 6,8 фоиз бо воситаи шахси алоҳида, 24 нафар ё 2,3 фоиз бо воситаи ширкат ва 27 нафар ё 2,5 фоиз аз шумораи умумии респондендон маблағашонро бо дигар роҳҳо дастрас менамоянд. *(ниг. Ҷадвали 1 ва Диаграммаи 1.)*

***Ҷадвали 1. Дастрасии маблаҷи интиқолҳои пулии ба кишвар воридшуда аз ҷониби шахсони воқеӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Маблағи интиқоли пулии аз хориҷа воридшавандаатонро Шумо бо кадом роҳ дастрас менамоед?** | **1064** | **100,0** |
| *а. ба воситаи бонк* | *941* | *88,4* |
| *в.ба воситаи шахси алоҳида* | *72* | *6,8* |
| *б. ба воситаи ширкат* | *24* | *2,3* |
| *г. бо дигар воситаҳо* | *27* | *2,5* |

***Диаграммаи 1. Динамикаи роҳҳои дастрас намудани интиқоли пулӣ аз ҷониби респондентон (бо фоиз)***



Нисбати саволи дуюми пурсишнома, ки бо чунин тарз оварда шуда буд: Нисбати интиқоли пулие, ки бонкҳо ба Шумо бо сомонӣ пешниҳод менамоянд чӣ андеша доред? ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 2.)*

***Ҷадвали 2. Шумора ва ақидаи респондентон нисбати пешниҳоди интиқолҳои пулӣ ба шахсони воқеӣ бо сомонӣ, (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Нисбати интиқоли пулие, ки бонкҳо ба Шумо бо сомонӣ пешниҳод менамоянд чӣ андеша доред?** | **1064** | **100,0** |
| а. хуб аст | 411 | 38,6 |
| б. қаноаткунанда мебошад | 218 | 20,5 |
| в. бад аст | 178 | 16,7 |
| г. аз мубодилаи он зарар мебинам | 257 | 24,2 |

Агар ба таркиби маълумотҳои ҷамъбастгардида назар афканем аз шумораи умумии респондентон 411 нафар ё 38,6 фоиз гирифтани интиқоли пулии худро бо сомонӣ хуб меҳисобанд. Теъдоди 218 нафар ё 20,5 фоиз қаноатманд, 178 нафар ё 16,7 фоиз бад ва 257 нафар ё 24,2 фоизи дигар иброз намуданд, ки дар ҳолати бо сомони пешниҳод гаштани маблағи интиқоли пулиашон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ аз мубодилаи он зарар мебинанд. *(ниг. Диаграммаи 2.).*

***Диаграммаи 2. Ақидаи Респондентон нисбати пешниҳоди интиқолҳои пулӣ бо сомонӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ (бо %)***




Саволи сеюм дар пурсишнома ба тавri зерин ҷой дода шуда буд: Оё қурбе, ки бонк интиқоли пулии Шуморо мубодила менамояд қонеъкунанда аст? Ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. Аз шумораи 1064 нафар респонден 49 нафар ё 46,9 фоиз қурбе, ки ташкилоти қарзӣ бо он интиқоли пулии респондентонро мубодила мекунад ҷавоби ҳа доданд, яъне қонеъкунадад шумориданд. Теъдоди 565 нафар ё 53,1 фоизи дигар ин қурбро қонеъкунанда намеҳисобанд. *(ниг. ҷадвали 3.).*

Ҷадвали 3. Ақидаи респондентон нисбати қурби мубодилавӣ барои интиқолҳои пулии бо сомонӣ пешниҳодшаванда (нафар/фоиз)

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Оё қурбе, ки бонк интиқоли пулии Шуморо мубодила менамояд қонеъкунанда аст?** | **1064** | **100,0** |
| а. ҳа | 499 | 46,9 |
| б. не | 565 | 53,1 |
| ***Агар не сабабашро шарҳ диҳед?*** | **567** | **53,3** |
| *а. қурби мубодилавӣ қонеъкунанда нест* | 351 | 33,0 |
| *б. бо асъори хориҷӣ захира мекунам* | 144 | 13,5 |
| *в. бо асъори хориҷӣ пасандоз мегузорам* | 72 | 6,8 |

Қисми дуюми саволи мазкур ба таври зерин оварда шуда буд: агар не сабабашро шарҳ диҳед, яъне агар қурби мубодилавӣ барои интиқолҳои пулие, ки бо сомонӣ ба Шумо пешниҳод мегардад қонеъкунанда набошад сабабашро шарҳ диҳед. Ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. Теъдоди 351 нафар ё 33,0 фоз иброз доштанд, ки қурби мубодилавӣ қонеъкунанда нест. Шумораи 144 нафар ё 13,5 фоиз барои бо асъори хориҷӣ захира карданро сабаби қонеъкунанда набудани қурби мубодилавӣ ва 72 нафар ё 6,8 фоизи дигар иброз намуданд, ки маблағи интиқоли пулиашонро бо асъори хориҷӣ мехоҳанд пасандоз намоянд. *(ниг. Диаграммаи 3.).*

***Диаграммаи 3 Ақидаи респондентон нисбати қенеъкунанда набудани қурби мубодилавӣ барои интиқолҳои пулие, ки бо сомонӣ пешниҳод мегардад (бо фоиз)***




Нисбати саволи чорум, ки дар пурсишнома ба таври зерин ҷой дода шуда буд: Шумо гирифтани интиқоли пулии худро бо кадом асъор беҳтар мешуморед? ақидаҳои респондентон чунин ҷамъбаст карда шуд. *(ниг. ҷадвали 4.).*

***Ҷадвали 4. Ақидаи респондентон нисбати гирифтани интиқолҳои пулӣ аз рӯи намуди асъор (нафар/фоиз)***

| **Нишондиҳанда** | **Теъдоди ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %)** |
|---|---|---|
| **Шумо гирифтани интиқоли пулии худро бо кадом асъор беҳтар мешуморед?** | **1064** | **100,0** |
| а. бо сомонӣ | 450 | 42,3 |
| б. бо доллари ИМА | 293 | 27,5 |
| в. бо рубли русӣ | 180 | 16,9 |
| г. бо евро | 31 | 2,9 |
| д. намуди асъор муҳим нест | 110 | 10,3 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида аз шумораи умумии респондентон 450 нафар ё 42,3 фоиз гирифтани интиқоли пулиашонро бо сомонӣ, 293 нафар ё 27,5 фоиз бо доллари ИМА, 180 нафар ё 16,9 фоиз бо рубли русӣ, 31 нафар ё 2,9 фоиз бо евро ва 110 нафар ё 10,3 фоиз бо дигар асъор авлотар мешуморад. *(ниг. Диаграммаи 4.).*

***Диаграммаи 4. Динамикаи гирифтани интиқоли пулӣ аз рӯи намуди асъор (бо фоиз)***




Саволи навбатии пурсишнома: Агар гирифтани интиқоли пулиро бо асъори хориҷӣ беҳтар шуморед сабабашро шарҳ диҳед. Ақидаҳои респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 5.).*

***Ҷадвали 5. Ақидаи респондентон нисбати сабабҳои гирифтани интиқолҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ (нафар/фоиз)***

| **Нишондиҳанда** | **Теъдоди ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %)** |
|---|---|---|
| **Агар гирифтани интиқоли пулиро бо асъори хориҷӣ беҳтар шуморед сабабашро шарҳ диҳед?** | **823** | **100,0** |
| а. ноустувории қурби пули миллӣ | 266 | 32,3 |
| б. бо мақсади нигоҳдории пасандоз | 98 | 11,9 |
| в. бо мақсади захира намудан | 236 | 28,7 |
| б. даромад гирифтан аз мубодилаи он ба сомонӣ | 117 | 14,2 |
| г. ба мақсадҳои дигар | 106 | 12,9 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардидаи респондентон сабабҳои гирифтани интиқоли пулиро ба асъори хориҷӣ чунин шарҳ доданд: 266 нафар ё 32,3 фоиз ноустувории қурби пули миллӣ, 98 нафар ё 11,9 фоиз бо мақсади нигоҳ доштани пасандоз, 236 нафар ё 28,7 фоиз бо мақсади захира намудан, 117 нафар ё 14,2 фоиз бо мақсади даромад гирифтан аз мубодилаи он бо сомонӣ ва 106 нафар ё 12,9 фоиз мақсадҳои дигарро сабаб шумориданд. *(ниг. Диаграммаи 5.).*

***Диаграммаи 5. Динамикаи сабабҳои гирифтани интиқоли пулӣ бо асъори хориҷӣ (бо фоиз)***




Саволи навбатии пурсишнома ба тарзи зерин оварда шуда буд: "Шумо барои рӯзҳои мушкили оилаатон ба ҳисоби миёна чӣ қадар маблағ захира мекунед?" Ҷавобҳои респондентон ба тарзи зерин ҷамъбаст гардид. *(ниг. ҷадвали 6.).*

Ҷадвали 6. Ақидаи респондентон нисбати захира намудани маблағ барои рӯзҳои мушкили оила (нафар/фоиз)

| **Нишондиҳанда** | **Теъдоди ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %)** |
|---|---|---|
| **Шумо барои рӯзҳои мушкилии оилаатон ба ҳисоби миёна чӣ қадар маблағ захира менамоед?** | **1064** | **100,0** |
| **а. 500 сомонӣ** | 246 | 23,1 |
| б. 800 сомонӣ | 113 | 10,6 |
| в. 1000 сомонӣ | 130 | 12,2 |
| г. 1 500 сомонӣ | 57 | 5,4 |
| д. 2 000 сомонӣ | 63 | 5,9 |
| е. зиёда аз 2 000 сомонӣ | 123 | 11,6 |
| **а. 100 долл. ИМА** | 44 | 4,1 |
| б. 200 долл. ИМА | 40 | 3,8 |
| в. 300 долл. ИМА | 43 | 4,0 |
| г. 400 долл ИМА | 36 | 3,4 |
| д. зиёда аз 500 долл. ИМА | 47 | 4,4 |
| **а. 10 000 рубли русӣ** | 45 | 4,2 |
| б. 20 000 рубли русӣ | 49 | 4,6 |
| в. 50 000 рубли русӣ | 14 | 1,3 |
| г. зиёда аз 50 000 рубли русӣ | 14 | 1,3 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон нисбати захира намудани маблағ барои рӯзҳои мушкили оила аз рӯи намуди асъор чунин ибрози ақида намуданд, аз ҷумла теъдоди респондентоне, ки бо пули миллии сомонӣ захираи худро нигоҳ медоранд чунин буд: 246 нафар ё 23,1 фоиз 500 сомонӣ, 113 нафар ё 10,6 фоиз 800 сомонӣ, 130 нафар ё 12,2 фоиз 1 000 сомонӣ, 57 нафар ё 5,4 фоиз 1 500 сомонӣ, 63 нафар ё 5,9 фоиз 2 000 сомонӣ, 123 нафар ё 11,6 фоиз зиёда аз 2 000 сомонӣ. Теъдоди респондентоне, ки бо доллари ИМА захираи худро барои рӯзҳои мушкили оила нигоҳ доранд чунин буд: 44 нафар ё 4,1 фоиз 100 долл. ИМА, 40 нафар ё 4,1 фоиз 200 долл. ИМА, 43 нафар ё 4,0 фоиз 300 долл. ИМА, 36 нафар ё 3,4 фоиз 400 долл. ИМА ва 45 нафар ё 4,2 фоиз зиёда аз 500 долл. ИМА. Теъдоди респондентоне, ки бо рубли русӣ захираи худро нигоҳ медоранд чунин мебошад: 45 нафар ё 4,2 фоиз 10 000 рубли русӣ, 49 нафар ё 4,6 фоиз 20 000 рубли русӣ, 14 нафар ё 1,3 фоиз 50 000 рубли русӣ ва 14 нафар ё 1,3 фоизи дигар зиёда аз 50 000 рубли русӣ. *(ниг Диаграммаи 6.).*

***Диаграммаи 6. Динамикаи захираи респондентон барои рӯзҳои мушкили оила аз рӯи асъор (бо фоиз)***




Саволи навбатии пурсишнома ба таври зерин дода шуда буд: "Шумо маблағе, ки барои рӯзҳои мушкили оилаатон захира менамоед бо кадом асъор беҳтар мешуморед?" Ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 7.).*

*Ҷадвали 7. Ақидаи респондентон нисбати нигоҳдории маблағи захира барои рӯзҳои мушкили оила аз рӯи намуди асъор (нафар/фоиз)*

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Шумо маблағе, ки барои рӯзҳои мушкилии оилаатон захира менамоед бо кадом асъор беҳтар мешуморед?** | **1064** | **100,0** |
| а. бо сомонӣ | 510 | 47,9 |
| б. бо доллари ИМА | 382 | 35,9 |
| в. бо рубли русӣ | 126 | 11,8 |
| г. бо евро | 28 | 2,6 |
| д. бо дигар асъор | 18 | 1,7 |

Агар ба таркиби маълумотҳои ҷамъоварда назар андозем, қисми зиёди респондентон нигоҳдории маблағҳои захира барои рӯзҳои мушкили оилаашонро бо пули миллии сомонӣ беҳтар шумориданд, аз ҷумла 510 гафар ё 47,9 фоиз бо сомонӣ, 382 нафао ё 35,9 фоиз бо доллари ИМА, 126 нафар ё 11,8 фоиз бо рубли русӣ, 28 нафар ё 2,6 фоиз бо евро ва 18 нафар ё 1,7 фоиз бо дигар асъор. *(ниг. Диаграммаи 7.).*

***Диаграммаи 7. Динамикаи нигоҳдории маблағҳои захиравӣ барои рӯзҳои мушкили оила аз рӯи намуди асъор (бо фоиз)***




Саволи дигари пурсишнома: “Чанд фоизи маблағи интиқоли пулиатонро барои рӯзҳои мушкилии рӯзгоратон захира менамоед?” Ҷавоби респондентон нисбати саволи мазкур ба таври зерин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 8.).*

*Ҷадвали 8. Ақидаи респондентон оид ба нигоҳдории маблағи захира барои мушкилии рузгор аз ҳисоби маблағи интиқоли пулӣ (нафар/фоиз)*

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Чанд ҳиссаи маблағи интиқоли пулиатонро барои рӯзҳои мушкилии рӯгоратон захира менамоед?** | **1064** | **100,0** |
| а. то 10% | 223 | 21,0 |
| б. аз 10% то 20% | 315 | 29,6 |
| в. аз 20% то 30% | 280 | 26,3 |
| г. аз 30% то 50% | 162 | 15,2 |
| е. зиёда аз 50% | 65 | 6,1 |
| ж. 100% | 19 | 1,8 |

Ақидаи респондентон нисбати захира намудани маблағи муайян барои мушкилоти рӯзгор аз ҳисоби маблағи интиқоли пулӣ ба таври зерин ҷамъбаст гардид. Теъдоди 223 нафар ё 21,0 фоиз аз ҳаҷми умумии респондентон иброз доштанд, ки то 10%-и маблағашонро захира мекунанд, 315 нафар ё 29,6 фоиз аз 10% то20%, теъдоди 280 нафар ё 26,3 фоиз аз 20% то 30%, теъдоди 162 нафар ё 15,2 фоиз аз 30% то 50%, теъдоди 65 нафар ё 6,1 фоиз зиёда аз 50% ва теъдоди 19 нафар ё 1,8 фоизи дигар ироз намуданд, ки 100% маблағи интиқоли пулиашонро захира мекунанд. *(ниг. Диаграммаи 8.).*

***Диаграммаи 8. Динамикаи захираи барои мушкилоти рӯзгор аз ҳисоби маблағи интиқоли пулӣ (бо фоиз)***




Саволи навбатӣ нисбати пасандоз кардани маблағ дар ташкилотҳои қарзӣ дар пурсишнома ба таври зерин ҷой дода шуда буд: “Оё Шумо маблағи интиқоли пулиатонро дар бонк ҳамчун пасандоз мегузоред?” Ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 9.).*

***Ҷадвали 9. Ақидаи респондентон оид ба пасандоз кардани маблағи интиқоли пулиашон дар ташкилоти қарзӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Оё Шумо маблағи интиқоли пулиатонро дар бонк ҳамчун пасандоз мегузоред ?** | **1064** | **100,0** |
| а. ҳа | 514 | 48,3 |
| б. не | 550 | 51,7 |
| ***Агар не, сабаб чист, ки намехоҳед маблағи худро дар бонк гузоред?*** | **556** | **52,3** |
| *а. ба бонк боварӣ надорам* | 215 | 20,2 |
| *б. маблағро пурра ба истеъмолот сарф мекунам* | 183 | 17,2 |
| *в. фоизи амонатҳо қонеъкунанда нест* | 74 | 7,0 |
| *г. маблағро ба соҳибкорӣ сарф мекунам* | 84 | 7,9 |
| ***Агар ҳа бо кадом мақсад маблағатонро дар бонк мегузоред?*** | **508** | **47,7** |
| *а. барои даромад гирифтан* | 126 | 11,8 |
| *б. барои харҷ накардан* | 87 | 8,2 |
| *в. барои захира кардан* | 128 | 12,0 |
| *г. барои рӯзҳои мушкилӣ* | 167 | 15,7 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида теъдоди 514 нафар ё 48,3 фоизи респондентон маблағи интиқоли пулиашонро дар ташкилотҳои

қарзӣ захира мекунанд ва теъдоди 550 нафар ё 51,7 фоизи респондентон маблағашонро аз сабабҳои гуногун дар ташкилотҳои қарзӣ пасандоз намекунанд.

Саволи мазкурро дар пурсишнома боз ба ду қисмати дигар ҷудо намудем, то ки ақидаи респонденторо нисбати ин масъала беҳтар дарк намоем, аз ҷумла:

Қисми якуми ин савол чунин гузошта шуд: "Агар не, сабаб чист, ки намехоҳед маблағи худро дар бонк гузоред?" Ҷавоби респондентон нисбати ин савол чунин ҷамъбаст гардид. Теъдоди 215 нафар ё 20,2 фоиз ба бонк боварӣ надоранд, 183 нафар ё 17,2 фоиз маблағашонро пурра ба истеъмолот сарф мекунанд, 74 нафа ё 7,0 фоиз фоизи амонатҳоро қонеъкунанда намешуморанд ва 84 нафар ё 7,9 фоизи дигар иброз доштанд, ки маблағашонро ба соҳибкорӣ сарф мекунанд.

Қисми дуюми савол бошад чунин оварда шуда буд: "Агар ҳа бо кадом мақсад маблағатонро дар бонк мегузоред?" Респондентон мақсадҳои дар бонк ҳамчун пасандоз гузоштани маблағҳои интиқоли пулиашонро чунин иброз намуданд, аз ҷумла: теъдоди 126 нафар ё 11,8 фоиз бо мақсади даромад гирифтан, 87 нафар ё8,2 фоиз бо мақсади харҷ накардан, 128 нафар ё 12,0 фоиз бо мақсади захира кардан ва 167 нафар ё 15,7 фоизи дигар бо мақсади истифода дар рӯзҳои мушкил. *(ниг. Диаграммаи 9.).*

***Диагараммаи 9. Динамикаи сабабҳои нагузоштани пасандоз ва мақсадҳои пасандоз кардани маблағи интиқоли пулӣ аз ҷониби респондентон дар бонкҳо (бо фоиз)***






Дар пурсишнома саволи навбатӣ ба таври зерин ҷой дода шуда буд: Оё Шумо дар бонк гузоштани маблағатонро бо кадом намуди асъор беҳтар мешуморед? Ҷавоби респондентон нисбати саволи мазкур ба таври зерин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 10.).*

***Ҷадвали 10. Ақидаи респондентон оид ба пасандоз кардани маблағҳояшон дар ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи намуди асъор (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Оё Шумо дар бонк гузоштани маблағатонро бо кадом намуди асъор беҳтар меҳисобед?** | **1064** | **100,0** |
| *а. бо сомонӣ* | 506 | 47,6 |
| *б. бо доллари ИМА* | 388 | 36,5 |
| *в. бо евро* | 60 | 5,6 |
| *г. бо рубли русӣ* | 89 | 8,4 |
| *д. бо дигар асъор* | 21 | 2,0 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон ҷиҳати пасандоз кардани маблағҳояшон дар ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи намуди асъор чунин ибрози ақида намуданд. Теъдоди 506 нафар ё 47,6 фоиз бо сомонӣ, 388 нафар ё 36,5 фоиз бо доллари ИМА, 60 нафар ё 5,6 фоиз бо евро, 89 нафар ё 8,4 фоиз бо рубли русӣ ва 21 нафар ё 2,0 фоиз бо дигар асъор. *(Диаграммаи 10.).*

***Диаграммаи 10. Динамикаи пасандоз гузоштани респондентон дар ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи намуди асъор (бо фоиз)***




Қайд кардан бомаврид аст, ки саволи мазкур низ дар пурсишнома ба ду қисм ҷудо карда шуд, аз ҷумла:

Қисми якуми савол ба таври зерин ҷой дода шуда буд: "Агар бо сомонӣ гузоштани маблағатонро дар бонк беҳтар шуморед, сабабашро шарҳ диҳед". Нисбати ин қисмати савол ҷавоби респондентон чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 11.).*

***Ҷадвали 11. Ақидаи респондентон оид ба мақсадиҳои пасандоз кардани маблағашон бо сомонӣ (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Агар бо сомонӣ гузоштани маблағатонро дар бонк беҳтар шуморед сабабашро шарҳ диҳед:** | **507** | **47,7** |
| *а. ба сомонӣ боварӣ дорам* | 257 | 24,2 |
| *б. дар ҳама ҳолат онро бозпас гирифта метавонам* | 101 | 9,5 |
| *в. фоизи бонкҳо баландтар аст* | 20 | 1,9 |
| *г. даромади бештар мегирам* | 45 | 4,2 |
| *д. аз беқурбшавӣ зарар намебинам* | 71 | 6,7 |
| *е. дигар* | 13 | 1,2 |

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон мақсадҳои бо пули миллӣ-сомонӣ пасандоз кардани маблағҳояшонро чунин иброз намуданд. Теъдоди 257 нафар ё 24,2 фоиз боварии худро ба сомонӣ тасдиқ карданд, 101 нафар ё 9,5 фоиз иброз намуданд, ки дар ҳама ҳолат онро бозпас гирифта метавонам, 20 нафар ё 1,9 фоиз фоизи бонкҳоро барои пасандозҳо бо сомониро баланд шумориданд, 45 нафар ё 4,2 фоиз иброз намуданд, ки аз гузоштани пасандоз бо сомонӣ даромади бештар мегиранд, 71 нафар ё 6,7 фоиз тасдиқ карданд, ки аз беқурбшавӣ зарар намебинанд ва 13 нафар ё 1,2 фоиз мақсади дигарро интихоб намуданд. *(ниг. Диаграммаи 11.).*

***Диаграммаи 11. Динамикаи мақсадҳои респондентон доир ба гузоштани маблағ ба пасандоз дар ташкилотҳои қарзӣ бо сомонӣ (бо фоиз)***




Қисми дуюми саволи мазкур дар пурсишнома чунин гузошта шуда буд: “Агар бо асъори хориҷӣ гузоштани маблағатонро ҳамчун пасандоз дар бонк беҳтар шуморед сабабашро шарҳ диҳед”. Ҷавоби респондентон нисбати саволи мазкур ба таври зерин ҷамъбаст шардид. *(ниг.Ҷадвали 12.),*

### *Ҷадвали 12. Ақидаи респондентон оид ба мақсадиҳои пасандоз кардани маблағашон бо асъори хориҷӣ (нафар/фоиз)*

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| ***Агар бо асъори хориҷӣ гузоштани маблағатонро дар бонк беҳтар шуморед сабабашро шарҳ диҳед:*** | **557** | **52,3** |
| *а. ба сомонӣ боварӣ надорам* | 59 | 5,5 |
| *б. аз беқурбшавӣ зарар мебинам* | 118 | 11,1 |
| *в. устувор аст* | 184 | 17,3 |
| *г. даромади бештар мегирам* | 97 | 9,1 |
| *д. дар ҳама ҳолат онро бозпас гирифта метавонам* | 54 | 5,1 |
| *е. дигар* | 45 | 4,2 |

Мувофиқи маълумотҳои ҷамъбастгардида респондентон сабабҳои бо асъори хориҷӣ дар бонкҳо ҳамчун пасандоз гузоштани маблағҳояшонро чунин шарҳ доданд: теъдоди 59 нафар ё 5,5 фоиз ба сомонӣ боварӣ надорам, 118 нафар ё 11,1 фоиз аз беқурбшави зарар мебинам, 184 нафар ё 17,3 фоиз устувор аст, 97 нафар ё 9,1 фоиз даромади бештар мегирам, 54 нафар ё 5,1 фоиз дар ҳама ҳолат онро бозпас гирифта метавонам ва 45 нафар ё 4,2 фоиз сабабҳои дигарро иброз намуданд. *(ниг. Диаграммаи 13.).*

### *Диаграммаи 12. Динамикаи сабабҳои гузоштани пасандоз аз ҷониби респондентон дар ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ (бо фоиз)*




Саволи навбатӣ дар пурсишнома ба таври зерин ҷойгир карда шуда буд: “Чанд ҳиссаи маблағи интиқоли пулиатонро ба амонат (пасандоз) мегузоред?” Ҷавоби респондентон оид ба саволи мазкур чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 13.).*

*Ҷадвали 13. Ақидаи респондентон оид ба гузоштани маблағи интиқоли пулиашон ба амонат (пасандоз) дар бонкҳо (нафар/фоиз)*

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| ***Чанд ҳиссаи маблағи интиқоли пулиатонро ба амонат (пасандоз) мегузоред?*** | **1064** | **100,0** |
| *а. то 10%* | 288 | 27,1 |
| *б. аз 10% то 20%* | 327 | 30,7 |
| *в. аз 20% то 30%* | 267 | 25,1 |
| *г. аз 30% то 50%* | 116 | 10,9 |
| *д. зиёда аз 50%* | 50 | 4,7 |
| *ж. 100%* | 16 | 1,5 |

Маълумотҳои ҷамъбастгардида шаҳодат медиҳанд, ки сол аз сол боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ афзоиш ёфта истодааст ва мехоҳанд то андозае маблағи худро дар бонкҳо ҳамчун амонат (пасандоз) ҷойгир намоянд. Ҷавоби респондентон нисбати ба амонат (пасандоз) гузоштани маблағи интиқоли пулиашон чунин буд: теъдоди 288 нафар ё 27,1 фоиз то 10%, теъдоди 327 нафар ё 30,7 фоиз аз 10% то 20%, теъдоди 267 нафар ё 25,1 фоиз аз 20% то 30%, теъдоди 116 нафар ё 10,9 фоиз аз 30% то 50%, теъдоди 50 нафар ё 4,7 фоиз зиёда аз 50% ва 16 нафар ё 1,5 фоиз иброз намуданд, ки 100% маблағҳояшонро дар ташкилотҳои қарзӣ ба амонат (пасандоз) мегузоранд. *(ниг. Диаграммаи 13.).*

***Диаграммаи 13. Динамикаи ҳиссаи маблағи интиқолҳои пулии ба амонат (пасандоз) гузоштаи респондентон (бо фоиз)***




Дар пурсишнома саволи навбатӣ чунин ҷойгир карда шуд: “Шумо ба пули миллии “Сомонӣ” боварӣ доред?” Ҷавоби респондентон нисбати саволи мазкур чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 14.).*

***Ҷадвали 14. Боварии респондентон нисбати пули миллии "Сомонӣ" (нафар/фоиз)***

| Нишондиҳанда | Теъдоди ҷавобҳо (нафар) | Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %) |
|---|---|---|
| **Шумо ба пули миллӣ "Сомонӣ" боварӣ доред?** | **1064** | **100,0** |
| а. Ҳа | 896 | 84,2 |
| б Не | 168 | 15,8 |
| ***Агар боварӣ дошта бошед сабабашро шарҳ диҳед:*** | **906** | **85,2** |
| *а. устувор аст* | 241 | 22,7 |
| *б хариду фурӯш бо он осон аст* | 503 | 47,3 |
| *в. ҳисобу китоб бо он осон аст* | 118 | 11,1 |
| *г. дигар* | 44 | 4,1 |
| ***Агар боварӣ надошта бошед сабабашро шарҳ диҳед:*** | **169** | **15,9** |
| *а. ноустувор аст* | 61 | 5,7 |
| *б. қурбаш тез тез тағйир меёбад* | 76 | 7,1 |
| *в. ҳисобу китоб бо он мушкил аст* | 14 | 1,3 |
| *г. дигар* | 18 | 1,7 |

Мутобиқи ҷамъбасти маълумотҳо аз шумораи умумии респондентон 896 нафар ё 84,2 фоизашон иброз намуданд, ки ба пули миллии "Сомонӣ" боварӣ доранд, вале баръакс теъдоди 168 нафар ё 15,8 фоизи дигар тасдиқ карданд, ки ба пули миллии "Сомонӣ" боварӣ надоранд.

Барои дурустар дарк намудани ин масъала мо саволи мазкурро дар пурсишнома ба ду қисм ҷудо кардем, аз ҷумла:

Қисми якуми саволи мазкур ба таври зерин дар пурсишнома ҷойгир карда шуд: "Агар боварӣ дошта бошед сабабашро шарҳ диҳед". Нисбати ин қисми савол ҷавоби респондентон ба таври зерин ҷамъбаст гардид. Теъдоди 241 нафар ё 22,7 фоиз устувор аст, 503 нафар ё 47,3 фоиз хариду фурӯш бо он осон аст, 118 нафар ё 11,1 фоиз ҳисобу китоб бо он осон аст ва 44 нафар ё 4,1 фоиз дигар сабабҳоро пеш оварданд.

Қисмати дуюми саволи мазкур бошад дар пурсишнома чунин ҷойгир карда шуда буд: "Агар боварӣ надошта бошед сабабашро шарҳ диҳед". Ҷавоби респондентон нисбати ин қисми савол ба таври зерин ҷамъбаст гардид. Теъдоди 61 нафар ё 5,7 фоиз иброз доштанд, ки ноустувор аст, 76 нафар ё 7,1 фоиз қурб тез тез иваз мешавад, 14 нафар ё 1,3 фоиз ҳисобу китоб бо он мушкил аст ва 18 нафар ё 1,7 фоиз дигар сабабро интихоб намуданд. *(ниг. Диаграммаи 14.).*

*Диаграммаи 14. Динамикаи боварии респондентон ба пули миллии “Сомонӣ” (бо фоиз)*







Саволи охирон дар пурсишнома ба таври зерин гузошта шуда буд: “Шумо ба бонкҳо бовари доред?” Ҷавоби респондентон нисбати ин савол чунин ҷамъбаст гардид. *(ниг. Ҷадвали 15.).*

***Ҷадвали 15. Боварии респондентон нисбат ба бонкҳо (нафар/фоиз)***

| **Нишондиҳанда** | **Теъдоди ҷавобҳо (нафар)** | **Ҳисса аз ҷамъи умумии ҷавобҳо (бо %)** |
|---|---|---|
| **Шумо ба бонкҳо бовари доред?** | **1064** | **100,0** |
| а Ҳа | 716 | 67,3 |
| б. Не | 348 | 32,7 |
| ***Агар боварӣ дошта бошед сабабашро шарҳ диҳед:*** | **717** | **67,4** |
| *а. корамонро осон мекунанд* | 417 | 39,2 |
| *б. маблағҳоямро сари вақт мегирам* | 126 | 11,8 |
| *в.музди меҳнатамро сари вақт мегирам* | 74 | 7,0 |
| *г. барои хариди мол аз хориҷа маблағамро сари вақт мегузаронад* | 51 | 4,8 |
| *д. дигар* | 49 | 4,6 |
| ***Агар боварӣ надошта бошед сабабашро шарҳ диҳед:*** | **368** | **34,6** |
| *а. муносибати дағалона доранд* | 84 | 7,9 |
| *б. маблағамро сари вақт гирифта наметавонам* | 140 | 13,2 |
| *в. маблағҳоямро сари вақт интиқол намедиҳанд* | 36 | 3,4 |
| *г. музди маошамро сари вақт гирифта наметавонам* | 108 | 10,2 |

Тибқи маълумотҳои ҷамъбастшуда аз шумораи умумии респондентон 716 нафар ё 67,3 фоиз иброз намуданд, ки ба бонкҳо боварӣ доранд, вале теъдоди 348 нафар ё 32,7 фоизи дигар боварӣ надоштани худро ба бонк интихоб намуданд.

Дар пурсишнома саволи мазкурро низ ба ду қисм ҷудо намудем, аз ҷумла:

Қисми якуми савол чунин ҷойгир карда шуд: “Агар боварӣи дошта бошед сабабашро шарҳ диҳед”, ҷавоби респондентон нисбати ин қисм ба таври зерин ҷамъбаст гардид:. теъдодди 417 нафар ё 39,2 фоиз иброз доштанд, ки корамро осон мекунад, 126 нафар ё 11,8 фоиз маблағҳоямро сари вақт мегирам, 74 нафар ё 7,0 фоиз музди меҳнатамро сари вақт мегирам, 51 нафар ё 4,8 фоиз барои хариди мол аз хориҷа маблағамро сари вақт мегузаронад ва 49 нафар ё 4,6 фоиз дигар сабабҳоро интихоб намуданд.

Қисми дуюми саволи мазкур бошад дар пурсишнома ба таври зайл ҷойгир карда шуд: “Агар боварӣи надошта бошед сабабашро шарҳ диҳед”. Ҷавоби респондентон нисбати ин қисми савол чунин ҷамъбаст гардид: теъдоди 84 нафар ё 7,9 фоиз иброз намуданд, ки муносибати бонкҳо дағалона мебошад, 140 нафар ё 13,2 фоиз маблағамро сари вақт гирифта наметавонам, 36 нафар ё 3,4 фоиз маблағамро сари вақт интиқол дода намедиҳанд ва 108 нафар ё 10,2 фоизи дигар иброз намуданд, ки музди маошамро сари вақт гирифта наметавонам. *(ниг. Диаграммаи 15.).*

***Диаграммаи 15. Динамикаи боварии респондентон ба бонкҳо (бо фоиз)***







Ҷадвали ҷамъбасти таҳлили маълумотҳо замима мегардад.

Замима: дар ___в.

Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ
ва бозомӯзии кормандон